# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қодирӣ Назира Дадозода дар мавзуи “Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон” диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ)**

Диссертатсияи пешниҳоднамудаи Қодирӣ Назира Дадозода ба масъалаи муҳими илмию амалии соҳаи психологияи иҷтимоӣ ва падагогикаи иҷтимоӣ бахшида шуда, яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи имрӯза ба шумор меравад. Бо дарназардошти ин матлаб омӯзиши илмии яке аз ниҳодҳои иҷтимоӣ – оила, ҷиҳати шинохт ва ҳалли мушкилоти хонаводагӣ нақши муассир дошта, заминаи мусоид фароҳам меоварад. Зеро муайян намудани заминаҳои ташаккули ахлоқии наврасон дар муҳити оила яке аз навгониҳои муҳимми психологияи иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Муайян намудани таъсири бевоситаи муҳити солими оила ба ҳолатҳои психологӣ ва ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон, ки аз масъалаҳои меҳварии рисолаи илмӣ мебошад, барои рушди психологияи ватанӣ низ аҳаммияти махсус дорад. Аз таҳқиқотҳои илмии психологияи муосир равшан аст, ки муҳити солими оила дар ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон нақши муассир гузоштааст. Бо вуҷуди он, ки дар марказҳои илмии ҷаҳонӣ омӯзиш ва баррасии масъалаҳои марбут ба оила ва муҳити иҷтимоии хонаводаҳо, ҳамчунин таъсири онҳо ба одобу ахлоқи аъзоёни оила, хусусан, наврасон мақолаву рисолаҳои илмиву оммавӣ ба нашр расида бошанд ҳам, дар муҳити иҷтимоӣ ва илмии кишвар таҳқиқи чунин масъалаҳо дар илми психологияи миллиамон маҳз дар замони Истиқлоли давлатӣ татбиқи амалии худро ёфта истодааст. Тағйирёбии ҷомеа арзишҳои навро дар ниҳодҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, оилаи солим ҷорӣ карда, он ба ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон таъсири рӯзафзуни худро расонидааст. Аз ин лиҳоз, дар ташаккули ҷомеаи солим ва раванди рушди маърифати инсонӣ оила яке аз институтҳои асосие мебошад, ки бидуни он ташкили ҷомеаи намунавӣ ғайриимкон мебошад. Дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва муҳити солими оила ба психологияи аъзоёни он ва ташаккули ҳиссиёти

ахлоқии наврасон, ба хусус ҳолатҳои психологии онҳо, таъсири худро расонидааст, ки он дар рушди минбаъдаи маърифати инсонӣ муассир мебошад. Мавзуи тадқиқот на танҳо аз лиҳози назариявӣ, балки аз ҷиҳати амалӣ низ муҳиму саривақтӣ мебошад. Дар кори илмӣ масъалаи муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон баррасӣ гардидааст, ки метавонад барои таҳияи тавсияҳои методӣ ба волидон, омӯзгорон, равоншиносон ва тарбиятгарон истифода шавад.

Унвонҷӯ Қодирӣ Назира Дадозода дар тадқиқоти худ аз усулҳои муосири математикӣ-статистикӣ истифода бурда, таҳлили натиҷаҳои бадастомадаро бо забони дақиқ ва возеҳ пешниҳод намудааст. Навоварии илмӣ ва арзиши амалӣ доштани кор ба дараҷаи хуб иҷро шудани корҳои таҳқиқотӣ ва таҳлили натиҷаҳо шаҳодат медиҳад.

Муаллифи диссертатсия дар афторефератӣ кор мухтавои стандартии рисолаи илмии худро ҷамбаст намуда, дар анҷоми ҳар боб хулосаҳои назариявӣ ва таҷрибавии бадастомадаро ворид намудааст.

Инчунин натиҷаи пурраи таҳқиқот дар хулосаи умумии он пешниҳод гардидааст. Дар умум қайд намудан ба маврид аст, ки сохтори афторефератӣ диссертатсия, муҳтавои боб, зербобҳо ва хулосаи кор мувофиқи талабот буда, тамоми қисматҳои рисолаи илмиро фаро мегирад.

Эродҳо ба авторефератӣ диссертатсия:

1. Дар матни афтореферат ғалатҳои гуногуни техникӣ ва имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки бартараф намудани онҳо мувофиқи мақсад мебуд.
2. Беҳтар мебуд, ки муаллифи диссертатсия барномаеро оид ба масъалаи муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон барои волидон як барномаи намунавӣ омода месохт.

Доир ба мавзуи рисолаи илмӣ муаллиф 11 номгӯи мақолаҳоро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва конференсияҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ба табъ расонидааст. Дар маҷмӯъ, рисолаи илмие, ки аз ҷониби диссертант Қодирӣ

Назира Дадозода дар мавзуи “Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ) пешниҳод шудааст, бо сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, ба талаботи банди 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст) пурра мутобиқ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои психологӣ, мудири
кафедраи педагогика ва психологияи
Донишгоҳи инноватсияҳои
иҷтимоии Тошкент Қодиров Камолиддин Батирович

KADRLAR BO'LIMI

*Дурустии имзои К.Б. Қодировро “тасдиқ мекунам”*
Нозири кадри Донишгоҳи
инноватсияҳои иҷтимоии Тошкент: Шоҳасанова М.А.
07.11.2025.

**Суроға:** 100182, Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
ш. Тошкент, ноҳияи Сергели, кӯчаи Узумзор, 37
Тел: +998946933804
E-mail: kkamol@rambler.ru